# ТАХТИ ҚУБОД

СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ҲАДАФИ МОСТ!

Рӯзнома аз моҳи майи соли 1932 нашр мешавад

СЕШАНБЕ, 7 сентябри соли 2021

№31-32 (8431)


kubod36@mail.ru

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён



# ПАЁМИ

## ТАБРИКИИ РАИСИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН САДРИДДИНЗОДА БАДРИДДИН БА МУНОСИБАТИ ОҒОЗИ СОЛИ НАВИ ТАҲСИЛИ 2021-2022

**Хонандагони азиз, устодони арҷманд, ҳозирини гиромиқадр!**

Имсол Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсили 2021-2022 дар рӯзҳое фаро расидааст, ки сокинони бонангу номуси кишварамон, бахусус мардуми меҳнатдӯсти ноҳияи Қубодиён ба таҷлили яке аз санаҳои муҳиму тақдирсоз, яъне ҷашни фархундаи 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба омодагӣ дида истодаанд. Мусаллам аст, ки дар сатҳи баланди сиёсиву фарҳангӣ ва хотирмон баргузор намудани ин ҷашни бузург, баҳри сазовор ҷамъбаст намудану тақвият бахшидани корҳои ободонию созандагӣ, алалхусус барои пешрафти яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳиму афзалиятноки ҷомеа, яъне соҳаи маориф мусоидат менамояд.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб тамоми кормандони соҳа, бахусус аҳли маорифи ноҳия ва хонандагонро ба муносибати оғози соли нави таҳсили 2021-2022, таҷлили Рӯзи донишу дарси сулҳ аз самими қалб табрику таҳният гуфта, ба Шумо саломатӣ, саодату сарбаландӣ, навҷӯию тозакорӣ ва расидан ба дастовардҳои назарраси меҳнатӣ, илмиву омӯзгорӣ ва эҷодиро таманно менамоям.

Давлат ва Ҳукумати кишвар, аз ҷумла роҳбарияти Олӣ нисбат ба пешрафти соҳаҳои илму маориф, алалхусус рушди нерӯи зеҳнию инсонӣ пайваста таваҷҷӯҳу ғамхориҳо зоҳир менамояд.

Лозим ба ёдоварист, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат -Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрию мулоқотҳо ва зимни сафарҳои корӣ ба манотиқи гуногуни кишвар баҳри рушди босуботи соҳаҳои илму маориф, баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор, ҳамзамон дар рушди нерӯи инсонӣ ва тараққиёти давлат нақши калидӣ ва саҳми бевосита доштани кормандони соҳаро пайваста таъкид менамоянд.

Аз ҷониби мақомотҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ, бахусус аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расидани корҳои сохтмонӣ дар бинои мактаб-интернат барои 264 ҷойи нишаст дар як баст, бинои хобгоҳ дар назди мактаб-интернати ноҳия иборат аз 100 кат ва бинои маъмурии шӯъбаи маорифи ноҳия боиси ифтихор ва сарбаландӣ буда, барои пешрафти соҳаи илму маърифати ноҳия такони ҷиддӣ хоҳад дод.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён дар раванди татбиқи дастуру супоришҳои Роҳбарияти кишвар, барномаҳову сратегияҳои марбут ба соҳаи маориф саҳмгузорӣ намуда, рушди босуботи соҳаи маорифи ноҳияро ҳадафи асосии худ қарор додааст.

Натиҷаи заҳмати омӯзгорон нишон дод, ки сатҳу сифати дониш дар муассисаҳои таълимии ноҳия зина ба зина боло рафта, соли равон 19 нафар хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд, ки аз ин шумора 9 нафар ҷойи якум, 5 нафар ҷойи дуюм ва 5 нафари дигар сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Инчунин дар олимпиадаи сатҳи ҷумҳуриявӣ хонандагони муассиаҳои таълимии ноҳия иштироки фаъолона намуда 3 нафар хонандагон сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

Албатта, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ин заҳмати омӯзгорону масъулонро қадр намуда, изҳори миннатдории худро дар ин самт иброз менамояд.

Тибқи маълумоти шӯъбаи маорифи ноҳия шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия ба 40 ҳазору 564 нафар расида ба онҳо 2 ҳазору 188 нафар омӯзгор таълим ва тарбия медиҳанд. 18 муассисаи таълимии ноҳияро занон сарварӣ менамоянд. Соли ҷорӣ 5 ҳазору 246 нафар тифлакон, ки аз ин шумора 2643 нафар духтарон мебошанд, бори аввал ба остонаи мактаб – даргоҳи илму маърифат қадам гузошта, нахустин соли хониши худро оғоз мекунанд, ки 950 нафари онҳо аз марказҳои инкишофи кӯдаки назди муассисаҳои таълимӣ ва 100 нафар аз боғчаҳои бачагона мебошанд.

Ин дар ҳолест,ки соли равон муасисаҳои таълимии ноҳияро 2 ҳазору 185 нафар хатм намудааст,ки ин нишондод 3061 нафар аз шумораи аз қабули хонадагони синфи якум кам мебошад.

Бо назардошти афзоиши солонаи теъдоди қабул ба синфи якум зарурати бунёди синфхонаҳои иловагӣ, мизу курсӣ ва дигар лавозимоти хониш ба вуҷуд омадааст.

Барои таъминоти ин талабот соли таҳсили 2020-2021 дар назди муассисаҳои таълимии №20 - 4 адад, №36 - 6 адад, №53 - 2 адад ва муассисаи таълимии №55 - 2 адад синфхонаҳои иловагӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Ҳамзамон бо саҳмгузории кумитаи падару модарон, соҳибкорону шахсони саховатпеша ва аҳли ҷамоатчигӣ бунёди 47 адад синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимии №11, №37, №38, №44, №45 ва дар деҳаи Боғи Ҷидаи Ҷамоати деҳоти Заркамар бо маром ҷараён дорад.

Тавре дар боло қайд намудем, соли равон муассисаҳои томактабии ноҳияро 100 нафар кӯдакон хатм намуданд, ки ин шумора ҳамагӣ 2 фоизи қабули синфи якумро дар бар мегирад.

Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки ҳанӯз мушкили фарогирии кӯдакон ба боғчаи бачагона ҳалталаб буда, масъулинро зарур аст, ки бо ҷалби соҳибкорон ва шахсони манфиатдор сохтмони муассисаҳои томактабӣро ба роҳ монанд. Намунаи чунин иқдомро дар ташаббуси сокинони деҳаҳои Чкалов ва Авестои Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин, метавон мушоҳида кард, ки муассисаҳои мазкур дар рӯзҳои наздик ба истифода дода мешавад.

Дар ин росто ба шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва дигар шахсони масъули соҳа супориш дода мешавад, ки фаъолияти худро дар якҷоягӣ бо аҳолии деҳот, кумитаи падару модарон ва соҳибкорону шахсони саховатпеша ҷиҳати бунёди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ пурсамар ба роҳ монда, барои фарогирии ҳарчи бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ аз тамоми имконоти мавҷуда истифода намоянд.

Набояд фаромӯш кард, ки бо қабул намудани кӯдакон ба синфи якум дар баробари падару модар масъулияти таълим ва тарбияи онҳо ба дӯши Шумо омӯзгорон ва масъулини соҳа вогузор карда мешавад. Аз ин рӯ зарур аст, ки тамоми имконот, донишу малака ва иродаву матонати худро баҳри тарбияи насли наврас равона намуда,онҳоро ба ҳаёти мустақил ва ояндаи дурахшон омода созед.Зеро тарбияи насли ояндасоз аз меҳнати созанда ва фаъолияти пурсамари Шумо омӯзгорон вобастагии қавӣ дорад.

Яке аз нишондодҳое, ки натиҷаи фаъолияти масъулин ва омӯзгорони муассисаҳои таълимиро муайян менамояд, ин сатҳи дохилшавии хатмкунандагон тариқи Маркази Миллии Тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то ҳол камбудиву мушкилот дар масъалаи дохилшавии хонандагон тариқи Маркази Миллии Тести аз ҳисоби муассисаҳои таълимӣ ба назар расида, чунончи соли равон муассисаҳои таълимии ноҳияро аз ҳисоби синфҳои 11-ум 2185 нафар хатм намуда, аз ин 1677 ё ин, ки 76 %-и хатмкунандагон ба Маркази Миллии Тести ҳуҷҷат супорида, натиҷаи ниҳоии дохилшавии хонандагон айни замон дар ҳолати ҷамъбастшавӣ қарор дошта, рӯзҳои наздик мушаххас карда мешавад.

Вобаста ба тараққиёти ҷомеа соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ҳанӯз ба мутахассисони ҷавону лаёқатманд ва дорои малакаву маҳорати касбӣ ниёз дорад. Чунин мутахассисони бомаърифат, хушахлоқ, донишу заковати хуб дошта ва ворисони арзандаро омӯзгорони мушфиқу ғамхор ба камол расонида метавонанд.

Аз ин хотир омӯзгоронро зарур аст, ки бо дарки масъулият сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат ва Ҳукумати ҷумҳуриро ба фаҳму идроки насли наврас расонанд,зеро Ватанро танҳо насли солим,соҳибмаълумоту соҳибмаърифат обод карда метавонанд.

Дар робита ба ин, бори дигар тамоми алоқамандони соҳаи илму маориф, падару модарон ва сокинони ноҳияро ба оғози соли нави таҳсили 2020-2021, Рӯзи донишу дарси сулҳ табрику таҳният гуфта, бароятон саломатӣ, саодату сарбаландӣ, фазилатҳои неки илму адаб, дониш ва касбу ҳунаромӯзиро таманно менамоям.

**Соли нави таҳсил ва Рӯзи донишу дарси сулҳ муборак, ҳамдиёрони азиз!**

# 1 сентябр - Рӯзи дониш ва Дарси Сулҳ



Ҳамасола дар кишвари азизамон 1 сентябр ҳамчун Рӯзи дониш ва Дарси Сулҳ бо тантана таҷлил карда мешавад. Имсол низ новобаста аз вазъияти бемории ҳамагири пандемияи Коронавирус тибқи фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 сентябр рӯзи дарсӣ ва оғози соли нави хониш эълон карда шуд. Ҳамасола дар ин рӯз чун анъана дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ҷамъомади идона баргузор шуда, рӯзи нахустини соли нави таҳсил бо дарси Сулҳ оғоз меёбад. Дар яке аз суханрониҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд карда буданд: **«Рӯзи дониш ва Дарси Сулҳ беҳтарин имкониятест, ки мо дар шароити торафт печидаву мураккаб шудани вазъи ҷаҳони муосир нақши сулҳу субот ва ваҳдати миллиро дар таҳкими аркони давлатдории миллӣ ва пешрафти давлату ҷомеа таъкид месозем ва бори дигар таваҷҷуҳи мактаб, оила ва ҷомеаро барои боз ҳам беҳтар намудани таълиму тарбия дар кишвар ҷалб менамоем.»** Воқеан чунин аст, зеро танҳо сулҳ асоси пешрафти ҷомеа буда метавонад. Сулҳ ба мардум хушнудӣ, хурсандиву хушбахтӣ ва ободиву озодӣ меорад. Чуноне ки шоири маҳбуби халқамон Боқӣ Раҳимзода фармудааст:

**Сулҳ баҳорест баҳор оварад,**
**Равнақу шодиву барор оварад.**

Сулҳу ваҳдат ибораҳое ҳастанд, ки ҳамеша дилчаспу дилнишин ва бо лаҳни шево садо медиҳанд. Сулҳ ин оштиву фарзонагӣ, якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардумро таҷассум мекунад. Ваҳдат бошад ин ба ҳам омадан, сар аз як гиребон баровардан ва поктинату миллатдӯст будан аст. Ваҳдат асосу пойдевори давлат ва амалӣ шудани орзуву армони миллат аст. Ба ин хотир ҳамагон таманнои онро дорем, ки Ватани азизу биҳиштосои мо Тоҷикистон ҳамеша дар оғӯши Сулҳу Ваҳдат бимонад ва ҳамбастагиву таваҷҷуҳи сокинонаш ба маърифату донишу хирад бештар гардад.

*Маҳмудҷони АБДУЛАҲАД*

# Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест

***(ба ифтихори 4 сентябр - Рӯзи китоб)***



Таърих гувоҳ аст, ки миллати фарҳангдӯсту фарҳангпарвари тоҷик дар тули асрҳо ба китобу китобдорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекард. Аз ин ҷост, ки беҳтарин мерос аз гузаштагон ва аз касе, ки дунёи фониро падруд мегуфт ин китоб ба шумор мерафт. Чуноне ки фармудаанд:

**Хат дар варақи даҳр бимонад сад сол,**
**Бечора нависанда, ки дар хок шавад.**

Китобро гузаштагони мо беҳтарин ва бебаҳотарин ҳадя медонистанд ва тақдиму бахшиши китоб ва додани он барои мутолиа ҳамчун анъана ва кори хайру савоб дониста мешуд. Ҳатто дар ин маврид мегуфтанд: **«Китобро бихон ва ба он амал кун, савобаш ба мо ҳам мерасад.»**

Имрӯзҳо бо пешрафти технологияи навин ва бунёди китобхонаҳои замонавӣ дастрасӣ ба китоб ва мутолиаи он хело осон шудааст. Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми тадбирҳои зарурира андешидаанд, то ки шавқу рағбат ва ҳисси масъулият ба китобу китобхонӣ ва китобдорӣ бештару беҳтар гардад. Яке аз чунин ибтикороти бузург ва иқдоми наҷибе, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин ҷода анҷом доданд, ин эълон кардани 4 сентябр ҳамчун Рӯзи китоб ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин рӯз, яъне 4 сентябри соли 2007 - ум Сарвари давлат бо гузоштани хишти аввали Китобхонаи миллӣ барои арҷ гузоштан ба ин ганҷинаи бебаҳо ин рӯзи муборакy хуҷастаро Рӯзи китоб эълон карданд, ки он ҳамасола дар сар то сари кишварамон қайд карда мешавад. Гузашта аз ин озмуну чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, аз қабили «Фурӯғи субҳи доноӣ...» ҳамагонро, аз ҷумла бештар насли ҷавонро ба китобхониву китобдорӣ водор намуд, ки ин таҳаввулоти бузургест дар ҳаёти фарҳанги кишвар. Албатта, маълум аст, ки рушди босуръати Интернет ва технологияи муосир боиси тадриҷан паст шудани суръати нашри китобҳои чопӣ ва беилтифотии наврасону ҷавонон ба китобхонӣ гаштааст. Аммо бояд таъкид кард, ки ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ маврид чизи дигаре ҷойи китобро гирифта наметавонад, ҳатто шакли электронии он. Зеро ба даст гирифтани китоб (ва на танҳо китоб, балки рӯзномаву маҷаллаҳо ҳам) ин кайфияти дигар дорад. Аз ин ҷост, ки шоир ва мутафаккири бузурги халқи тоҷик Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи китоб фармудааст:

**Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,**
**Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.**
**Ҳар лаҳза аз ӯ дар гӯшаи танҳоӣ,**
**Сад роҳате ҳаст, ҳаргиз озоре нест.**

*Маҳмудҷони АБДУЛАҲАД*

# МАН ҲАМ ЗАМОНЕ МАКТАБХОН БУДАМ

***Мактаби таҳсилоти ҳамагонии №34-и деҳаи Авесто***



***Айни замон.***



***Солҳои 60 асри XX***

Мактаб дар маркази деҳаи Авесто ҷой гирифта аст. Солҳои 60-уми асри 20 дарсҳо бо забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ гузашта, охири солҳои 70-ум забони туркманӣ ҷорӣ гардид. Он вақтҳо дар назари мардуми авом хондани мактаб бидъату касби муаллимӣ куфр ба ҳисоб рафта, наврасонро аз латукубу азобдиҳии муаллимон метарсониданд. Тӯбро ба сари ҳазрати Имом Ҳусайн рабт дода, тӯббозию галстук бастанро гуноҳу куфр меҳисобиданд, ки ҳамаи ин хурофоти маҳз буд. Барои ҳамин аз тарси латукуби муаллимон ду соли аввал ба мактаб нарафтам.

Дар санаи 16 сентябри соли 1958 устод Ато Неъматов вақти хӯроки нисфирӯзӣ маро бо падарам дарёфт, ҳамроҳи мо хӯрок хӯрда, бо лаҳни мулоим аз ман хоҳиш намуд, ки ҳамроҳаш ба мактаб равам, агар мактаб маъқул нашавад, дигар наравам. Сари роҳ ба хонааш даромадем. Муаллим каллақандеро ба пиёла андохта, чой рехта, ба ман доду худ скрипкаи овезонро гирифта, оҳанги ҷаззоби фалакиеро навохтан гирифт. Рӯзҳои дигар дар вақти муқаррарӣ ба мактаб равон шуда, хонаи устод даромада чою қалақандро нӯши ҷон карда, мусиқӣ шунида, ҳамроҳ мактаб мерафтем. Гумон мекардам, ки мактабравӣ ҳамин хел мешудааст. Ин ҳолат як моҳ давом карду баъди фаҳмидан, дигар ба хонаи муаллим нарафта, рост мактаб мерафтам. Азбаски мунтазам ба мактаб рафта, дарсҳоро аз худ мекардам, синну сол ва қоматбаландиамро ба ҳисоб гирифта, маро дар нимсола ба синфи ду якбора баъди синфи чорро хондан ба синфи шаш гузарониданд. Париданҳо бароям боиси душворшавии омӯзиши фанҳои дақиқ гардид. Ҷомеа аз зарофатгӯён орӣ нест. Азбаски хонаамон берун аз деҳа буд мо мурғи бисёр доштем, ба замми ин, мудири мактаб устод Ҳаннон Ҳусейнов ҳамқавм буд, овоза карданд, ки мурғҳои Мулло Дод маро нахонда, аз синф ба синф парвоз карда, мегузаронанд.

Ато Неъматов баъдан факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистнро хатм намуда, мутаассифона, дар ҳаёт бо мушкилот дучор гардиданд. Рӯҳафтода нашуданд. Сарбаландона умр гузарониданд. Ба таъну бадгӯйиҳо нигоҳ накарда, бо ӯ то рӯзи вопасин равуо карда, эҳтиромашро ба қадри имкон пос доштам. Сабаби он лаҳзаҳоро рӯйи коғаз оварданам дар он аст, ки қатори муаллимони маълумоти олидор ашхоси синфи даҳумро хатмкарда ҳам фидоии роҳи таълим буданд. Бо талаби давру замон аксари хонандагон мунтазам дарс тайёр мекарданду бештари толибилмон дарс хонда, ба қадри кофӣ аз фанҳои гуногун бархӯрдор буданд. Лаҳзаҳои хотирмони мактабии хонанда, азбар кардани фанҳои дӯстдоштааш аст. Ба таъриху адабиёт ва санъат завқи беандоза доштам. Рубобнавозии Бердӣ Хоҷанапесов, ки оҳангҳои Зафар Нозимов ва савтҳои тоҷикию туркманиро ҷаззоб менавохт, дар назарам муъҷиза метофт. Ба ашъори Рӯдакӣ, Ҳофиз, Хайёму Саъдӣ бештар рағбат доштам. Ба воситаи устод Бердӣ Хоҷанапесов ба ашъори сардафтари адабиёти классикии туркман Махтумқулӣ, ки саропо панду ашъораш аз ҳикмати шоироии бузурги форсу тоҷик маншаъ гирифтааст, огаҳӣ пайдо кардам.

Дар давраи мактабхонӣ аз китобхонаи мактаб китобҳои «Афсонаҳои халқи тоҷик», «Фолклори халқи тоҷик», китобҳои «Чиполино», «Саёҳати Гуливер», «Робинзон Крузо», «Спартак» ва ғайраро гирифта хондам. Дари китобхонаи мактаб доимо маҳкам буду китобҳои зиндонӣ дар назарам ганҷи тафсирнопазир ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамарӯза бо алам ба китобхона нигоҳ карда, аҳлам намегирифт, ки ба воситаи муаллимон ҷуръат карда, ба китобхона дастрасӣ пайдо намоям. Китобҳои «Шоҳнома»-и Абдулқосим Фирдавсӣ, «Рубоиёт»-и Умари Хайём, «Ҳазору як шаб», «Чордарвеш», ки дар он давра ба табъ расида буданд, бо кумаку дастрасии падарам хондам. Китобҳои «Ёдоштҳо», Одина, «Ҷаллодони Бухоро»-и Садриддин Айнӣ, «Навобод» ва «Субҳи ҷавонии мо»-и Сотим Улуғзода бароям китобҳои беҳтарин ба шумор мерафтанд. Ин китобҳоро гаштаву баргашта хондаам агар дастрас шаванд боз ҳам бо ҳавас мехонам. Китобҳои «Наводир - ул вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва «Эҳёи Аҷам»-и Акбар Турсунов, "Таърихи табар тақсими Осиёи Миёна"-и устод Раҳим Масовро, ки баъдтар хондам, дар радифи китобҳои дар боло зикршуда бароям бештар таъсиргузор буданд.

Калонсолҳо ба он ақидаанд, ки нисбати ҳозира таълим пештар хубтар ба роҳ монда шуда, ҳама босавод буданд. Дар ҳама давру замон дар ҳар як синф 2-3 нафар аълохон 4-5 нафар хубхон ҳасту боқимондаҳо камсаводанд.

Имконоти омузиши имрӯза аз гузашта ба куллӣ фарқ мекунад. Омӯзгор агар шогирдро ба роҳи дурусти истифодабарии технологияи иттилоотии муосир раҳнамоӣ карда тавонад хонанда аз ҳамаи ҷабҳаҳои илм бархурдор хоҳад шуд.

Азбаски мактаби деҳаамон ҳаштсола буд, баъди синфи ҳаштумро хатм кардан, ману ҳамсинфам Бӯраков Маҳмадӣ ба деҳаи Гулистон рафта, хонданамонро идома додем. Баъд аз ду моҳи мактабравиамон директори мактаб Мустафоқул Набиев наздамон масъала гузошт, ки ҳамаи ҳамсинфонро ҷамъ кунем, синфи алоҳида ташкил хоҳад кард, вагарна таъкид карданд, ки имкони моро қабул кардан надоранд. Ҳамсинфҳоро ҷамъ карда натавониста, мактаб равиамон қатъ гашт. Дар вақти мактабхонӣ аз душвориҳои ҳаррӯза дилтанг мешудем, ки кай мактабро тамом карда, аз азоби ҷавобдиҳии ҳаррӯза халос мешуда бошем. Мо аз куҷо медонистем, ки дар мактаби деҳаи дигар хонданро давом додан мехоҳему моро қабул намекунанд. «Оби дари хона қадр надорад»,–мегӯянд. Акнун ба қадри мактаби деҳаамон мерасидагӣ шудем. Ҳайҳот, ки дар зиндагӣ роҳи бозгашт ба қафо нест. Пешомади тақдирро ҳам касе пешгӯӣ карда наметавонад. Давраи мактабравӣ давраи хуштарин ва беҳтарини зиндагӣ ба афсона табдил меёбад. Барои он давраи мактабхонӣ беҳтарин аст, ки хонанда аз неъмати худодод: навиштан, хондан, илму панд омӯхтан, бархӯрдор гардида, ба воя мерасад. Донишҳои дар мактаб омӯхташуда нақши дар санг сабтшудаеро мемонад. Ин давраро бояд ғанимат шумурд, ба қадри он бояд расида ва ҳарчи бештар хонд.

Ба гуфти устод Садриддин Айнӣ:

**Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,**
**Ба бекорию нодонӣ намонем.**
**Дар олам ҳар касе бекор гардад,**
**Ба чашми аҳли олам хор гардад.**

***ДОДОВ ҚУВВАТ***

# ДИЛАМ БА ДИПЛОМ ВА СОЛИЁНИ ТАҲСИЛ СӮЗАД



“Муаллим, барои ман касби пуршарафтарин чӯпонӣ аст. Зеро ман аз авлоди даҳмардаҳо ҳастам. Мехоҳам, ки писарам низ ин кори пуршарафро пешаи худ намояду зиндагиашро пеш барад”- чунин буд ҷавоби даҳмардае, ки тамоми авлоду аҷдодаш дунболи моли майда куҳу пуштаро пойи пиёда тай намудаву рӯзии хеш пайдо кардаанд. Ба пофишориҳо ва тарғибу ташвиқи банда барои супоридани ҳуҷҷатхои фарзандаш ба Маркази Миллии Тестӣ ҷавоби ниҳоии ҳамсуҳбатам - падари хонанда чунин буд, ки аз он мот гардида, чизе гуфта натавонистам.

аъди каме таваққуф бо салобату мағрурии хос ба даҳмардаҳо дубора суолам кард: “Дар як моҳ чанд пул маош мегирӣ? ”- 820-ҷавоб додам. “Ман пули дар як моҳ мегирифтаи туро дар як ҳафта меёбам, муаллимҷон” ва илова намуд, агар шумо бо собиқаи 50 солаи корӣ 820 сомонӣ гиред, пас фарзанди ман чанд пул мегирад? – гуён пурсид. -Шояд 500-600 сомонӣ гирад- ҷавоб додам.

“Ман ин маблағро дар зарфи 4-5 рӯз меёбам. Шумо аз ташвиши оила барпо намудан, хона сохтан озодед, боварӣ доред, ки писарам бо ин маблағи ночиз соҳиби хонаву ҷой мешавад. Нағзаш, муаллимҷон, писарам ҳамроҳам чӯпонӣ мекунад. Дар шаҳр як “ассенизатор” савдо карда мондам, ҳамонро харида медиҳам. Як хоҷатхонаро тоза кардан 500 сомонӣ аст ва бо ҳамин рӯзашро мегузаронад. Чуноне ки дар урфият мегуянд “Аёнро ҳоҷат ба баён нест” –“Гапатон дуруст” гуфтаму мондам.

8 соли охир самаранокии кори мактаб вобаста ба супороидани тест дар ММТ шуда мондааст. Дар маҷлисҳо гаштаю баргашта таъкид мекунанд. “Ба кори мактабу омӯзгорон аз натиҷаи тест баҳо дода мешавад”.

Бинобар хамин ин таъкидҳоро муаллимони мактаб сармашқи кори худ карда аз моҳи март супоридани маблағи тестҳоро талаб мекунанд. Дар мактабҳои миёна хатмкунандагони синфҳои 11 барои донишҷӯ шудан ҳаққи хизматрасонӣ ва барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ 240 сомонӣ ба ММТ месупоранд. Аммо бешак ҳастанд волидоне, ки камбизоатанд ё намехоҳанд фарзандонашон таҳсилро идома диҳанд, вале аз ҷониби роҳбарони мактаб ё ба гуфти худи директорон (мо нақшаро иҷро мекунем!) иҷборан аз хонандагон хоҳ ба ММТ ҳуҷҷат супоранд хоҳ не 240 сомонӣ мегиранд. Ба қариби аз рӯзномаи мардумии СССР матлаби “ММТ: 240 сомонӣ маҷбурӣ нест!” -ро хондам. Ҳолати мавриди назарамро Хуршед Икромӣ, директори Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ чунин шарҳ дода буд:

-240 сомоние, ки довталаб барои ҳаққи хизматрасонӣ барои иштирок ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ месупорад, маҷбурӣ нест. Агар аз ҷониби довталаб, омӯзгор ё фарде дар ин бора ба мо муроҷиат шавад, мо ҳатман чораандешӣ мекунем. Дар идомаи суҳбат Хуршед Икромӣ қайд мекунад, ки ҳар касе хоҳад, метавонад барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ саводи худро дар имтиҳоноти марказонидаи дохилшавӣ санҷад. Аммо дар ягон маврид ҳолати маҷбурӣ пул ситонидан нест. Мо дар тамоми баромадҳоямон таъкид мекунем, ки дохил шудан ба ММТ ихтиёрист, на маҷбурӣ. (Хонанда худ қазоват намо! Ин суханонро нафаре масъуле мегӯяд). Пас саволе ба миён меояд, ки чаро роҳбарони мактабҳои миёна аз хонандагон маҷбурӣ 240 сомонӣ меситонанд. Ҳоло он, ки директори Марказ Хуршед Икромӣ ин амалро маҷбурӣ нест мегӯянд. Ба ин пурсиш директороне, бояд мудирони шӯъбаи маориф посух гӯянд, зеро директорон зертобеанд ва фармони болоро иҷро мекунанд.

Бачаҳои муваффақ пас аз гузаштани тест роҳи донишкадаро пеш гирифта, бо шароити таҳсил шинос мешаванду баъди фаҳмиданд, ки танҳо барои таҳсили якрӯза пардохт намудани 8 сомонӣ роҳкиро ва ҳадди лоақал 15 сомонӣ барои қутти лоямут лозим аст, ба хулосае меоянд, ки ғуломӣ дар Русия ва ё ҳадди ақал мардикорӣ дар Ватан аз хондан афзал аст, аз баҳри хондан мебароянд.

Ин аст, ки бозори мардикорӣ рӯз аз рӯз авҷ мегирад. Масалан, як рӯзи кории мардикор 100 сомонӣ ва бар замми ин хӯроки саҳарӣ ва нисфирӯзиаш бар зиммаи корфармо мебошад. Аз ин маблағи гирифта андоз намесупораду касе пишакашро “пишт” намегуяд ва илова бар он аз ҳамагуна чорабиниҳо масалан, фонди рушди ноҳия, обуна ба рӯзномаву маҷаллаҳо, шанбегиҳо ва дигар корҳои ҷамъиятӣ озод мебошад. Ба қавли мардум “худаш шоҳу таъбаш вазир аст”.

Дар даврони шуравӣ диққати махсус ба давом додани таҳсил дар омузишгоҳҳои касбӣ-техникӣ медоданд. Ҳамчунин хондан дар мактабҳои олӣ маҷбурӣ набуд. Ҳоло бошад барои мо дохилшавӣ ҳисобот асту бас. Дар ноҳияи мо низ ин рақам – с**инфи 11-ро 2185 нафар хатм намуда аз онҳо 1677 нафар ба ММТ ҳуҷҷат супорид, ки 75 фоизи нақшаро ташкил медиҳад,** минбаъд дар маърӯзаву ҳисоботҳои имсола дарҷ гардида то дер боз ба такрор садо медиҳад. Лек аз баргаштани соҳибдипломҳо ба истеҳсолот касе пурсон намешавад. Дар мисоли он ки аз рӯи шунидаҳоямон ҳамасола 4-5 нафар бахшу шӯъбаҳои факултаҳои филология ва журналистикаи донишгоҳҳои кишварро хатм мекунанд, лек аз чи бошад, ки рӯзномаи “Тахти Қубод” дар дарёфти як нафар ҷавони боистеъдод ва кадри арзандаву лоиқ саргум афтодааст.

Таҷрибаи рӯзгор инъикосгари ҳаёт аст ва хамин таҷриба нишон медиҳад, ки асоси зиндагӣ пул асту пул. Зеро зиндагиро бе пул тасаввур кардан мумкин нест. Ва ибораи машҳури даврони Шӯрави “пул асоси зиндагӣ нест”, ба ҷуз гапи хушку холӣ чизе нест.

Аз ин лиҳоз, дилам ба мутахассисони ҷавон месузад. Онҳо душвориҳои иқтисодии оилавиашонро паси сар карда, бо умеди ба волидон кӯмак намудан ба фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ мекунанд, вале баъди ду-се моҳ корро партофта қарзу қавола намуда “ҷаннати руйи заминро” тарк менамоянду озими Русия мешаванд. Сарфи назар аз азобу машаққат корҳои заҳматталаберо, ки шаҳрвандони Русия аз иҷрои он даст мекашанд, ба душ мегиранд.

Дар боло кайд намудем, ки таҷрибаи рузгор инъикосгари ҳаёт аст. Ҳамин тачриба нишон додан дорад, ки соҳиби маълумот хору залил аст. Ин ҳолат сабаби калидии барои кор ба хорича ба хусус ба Русия рафтани ҷавононон мебошад. Аз ин лиҳоз хулоса баровардан мумкин, ки Точикистон манбаи асосии таъминкунандаи Русия бо гуломони маълумотдор аст.

***ҲОҶӢ***
***АКБАР НАСИМӢ***

*Ёдбуд*

## МУАЛЛИМИ АВВАЛИН



***МАМАШОЕВ ХАБИБУЛЛОҲ***
***(1905-1985)***

Мамашоев Ҳабибуллоҳ зодаи деҳаи Гузари болои ноҳияи Қубодиён аст. Дар синни 6 солагӣ хамроҳи язнааш ба шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон рафта, дар мадрасаи “Имомжон”-и он таҳсил карда, соли 1923 ба Ватан бармегардад ва дар дехаи Сайёди ноҳияи Шаҳритус иқомат мекунад. Аз баски соҳибилм буд, бинобар ҳамин дар мадрасаи ин деҳа мударрисӣ мекунад. Соли 1926 ӯ ба зодгоҳаш баргашта ба ҳайси омӯзгори нахустин мактаби шӯравӣ дар ин диёр муваззаф мешавад. Соли 1930 мудири маорифи Балҷувон шуда ифои вазифа менамояд. Аз соли 1933 то с.1936 мудири “ЗАГС”-и ноҳияи Ҷилликул ва байни солҳои 1936-1937 ҳамчун прокурори ноҳияи Ҷилликул адои вазифа кардааст. Соли 1937 ба гирдоби даҳшатҳои “депрессия”-қир кардани зиёиён афтода ба муддати 10 сол ГуЛаги минтақаи Колқма бандӣ буд. Соли 1947 аз бандихона озод шуда ба Қубодиён баргашта то соли 1955 сардори банки давлатии ноҳия ва пас аз барҳам хӯрдани Қубодиён то соли 1961 мудири кассаи амонатии ноҳияи Шаҳритус буд. С.1961 ба нафақа баромад.

*Ҳоҷӣ Акбар НАСИМӢ*

**Дар партави Истиқлолияти давлатӣ инчунин, ташаккули низоми иқтисодии мамлакат ва раҳоии кишвар аз буҳрони шадиди иқтисодӣ муяссар гашт ва мо аз ҳолати буҳрони амиқ баромада, ба марҳалаи рушди ҳамаи соҳаҳо қадам гузоштем.**

**Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишони пойдориву бақои миллат аст.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

## НУРЕСТ БА ДИДАГОНИ МО ИСТИҚЛОЛ

Ҳар сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябр-»Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷашн гирифта мешавад. Иди Истиқлолият яке аз идҳои асосии расмии давлати Тоҷикистон аст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», 9 сентябр- ҳамчун «Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайан гардидааст. Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрузу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокорона расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ҳодисаи тақдирсоз аввали моҳи сентябри соли 1991 ба вуқуъ пайваст ва 9 сентябр расман Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик Иди муқаддас маҳсуб мешавад.

Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки 30-сол қабл нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ-Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем. Имруз миллати точик дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиклоли миллӣ ҳама ҷониба барои ободкорӣ ва ҳамзистии осоиштагӣ мекушад.

Рамзҳои асосии давлати мо нишони миллӣ, парчами миллӣ,пули миллӣ мебошанд. Фарзандони миллат дар қувваҳои миллии давлати хеш адои хизмати Модар-Ватанро ба ҷо меоранд.Имрӯз миллати сарбаланди тоҷик аз дастовардхои бузурги истиқлол,иншоотҳои азими кишвар,сохтмонҳои НБО-и Роғун, Сангтудаи-1, Сангтудаи-2, «Нақби Истиқлол»,«Роҳи оҳани Хатлону Кулоб» ва садҳо иншоотҳои дигари ба истифода додашуда мебоданд .Воқеан Истиқлолият барои ҳар як халқу миллат сарвати ниҳоят арзишманд буда, ҳастиву бақои миллату давлат ва озодиву сарфарозии ҳар як фарди ҷомеа ба он алоқаманд аст.

Боварии комил дорам,ки сокинони шуҳратёри Қубодиёни бостони низ чун тамоми мардуми Тоҷикистони азиз ин санаи азизу муқаддас-Истқлолияти давлатиро бо дастовардҳои хуби меҳнатӣ, дар руҳияи баланди фарҳангӣ, ифтихор аз ватану ватандорӣ, худшиносию худогоҳӣ бо шукуҳу шаҳомати хоса таҷлил менамоянд.

Бо ин нияти нек, аз фурсати муносиб истифода намуда, тамоми мардуми шарафманди Тоҷикистони азизро бо ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфта, ба ҳар як фарди ватани азизамон хонаи обод, сиҳатию саломатӣ, шодию фараҳ, дастархони пур зи нозу неъмат дар хонадонашон ва дар корҳои ояндаашон баҳри пешрафту инкишофи кишварамон бурдбориҳо таманно менамоям.

**Иди Истиқлолият муборак ҳамватанони азиз!**



***Алиҷон ҶУМАЕВ,***
***мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти КИ ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён***

## БА ТАВАҶҶУҲИ ШАҲРВАНДОНЕ, КИ ҚАСДИ САФАР БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯРО ДОРАНД



Ба таваҷҷуҳи шаҳрвандоне, ки ба Федератсияи Россия сафар менамоянд, мерасонем, ки дар асоси қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 20 июли соли 2021, №1998 шуруъ аз 1 сентябри соли 2021 вуруди тамоми шаҳрвандон ба ҳудуди Федератсияи Россия бе доштани ҳуҷҷат дар намуди QR-code манъ аст. Бояд гуфт, ки қаблан шаҳрвандони мамлакат барои ворид шудан ба Федератсияи Россия маълумотнома оид ба тоза будан аз сирояти коронавирусро дар муҳлати 72 соат аз озмоишгоҳҳо дастрас менамуданд.

Аммо, бинобар қоидаҳои нави ворид шудан ба Федератсияи Россия, минбаъд чунин маълумотномаҳо оид ба тоза будан аз бемории коронавирус тариқи рамзи QR-code дар телефонҳои мобилӣ (смартфон) ҷойгир кунонидашуда, мавриди истифода қарор мегирад, ки тартиби дурусти пайдо намудани ин ҳуҷҷат чунин аст:

Дар асоси лоиҳаи «Саёҳат бидуни COVID-19» барои истифодабарандагони телефонҳои мобилӣ дар интернет-мағозаҳое, ки дар телефон барномагузорӣ шудааст, барномаи наве бо номи «Путешествую без COVID-19» кушода шудааст.

Нахуст Шумо бояд ин барномаро дар телефони дастии худ насб намуда, маълумоти лозимаро дар ворид кунед.

Пас аз ворид намудани маълумот барнома ба Шумо маконҳоеро, ки дар он ҷо гирифтани ташхис дар намуди QR-code имконпазир аст, пешниҳод менамояд.

Ҳамин тавр, ба воситаи барномаи мазкур макони барои худ мувофиқро интихоб намуда, бо шиносномаи хориҷӣ ба онҷо муроҷиат кунед.

Пас аз гузаштани ташхис, тамоми маълумоти лозимиро дар шакли рамзи QR-code ба барномаи дар телефон насбшудаатон ворид мекунед.

Ҳангоми сафар ба Федератсияи Россия, рамзи QR-code-ро аз тариқи телефон ба нафарони масъул нишон медиҳед.

Шаҳрвандони мамлакат, ки ба Федератсияи Россия сафар менамоянд, пас аз насби барномаи «Путешествую без COVID-19» дар телефони мобилии худ метавонанд рамзи QR-code-ро дар шаҳри Душанбе аз озмоишгоҳҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ,махсусан аз Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва марказҳои ин хадамот дар шаҳрҳои Кӯлоб, Бохтар ва Хуҷанд дастрас намоянд.

***Бахши Хадамоти муҳоҷират***

# АКСҲО БОЗГӮИ ТАНТАНАҲОИ









































# ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН















## САҲБО: БУНЁДКОРИҲО ДАР АВҶ



Сокини деҳаи Саҳбо (Қизил Нишон)-и Ҷамоати деҳоти 20 - солагии Истиқлол Мусулмонхӯҷа Бозоров, ки муддати 15 сол мешавад раиси маҳалла аст дар шодиву мусибати мардум ҳамеша паҳлӯи онҳост. Ӯ мегӯяд дар деҳаи мо 670 хоҷагӣ умр ба сар мебарад. На камтар аз 6 ҳазор аҳолии Саҳбо дар фазои сулҳу оштӣ, зери сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дӯстона кору зиндагӣ доранд. Фарзандони онҳо дар МТМУ-и №24 дар шароитҳои хубу замонавӣ таҳсили илм мекунанд. Кормандони бунгоҳи тиббӣ ҷиҳати солимии аҳолӣ ҳамеша омодаи хизматанд.

Бо мақсади пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ аз ҷумла Ковид-19 бо кӯмаку дастгири хоҷагиҳои деҳқонӣ ва саховатмандони деҳа ба хонадони се оилаи камбизоату бесаробон ғайр аз кумакҳои ғизоӣ ва сару либоси мактабӣ ба фарзандонашон, инчунин тавассути насос оби ошомиданӣ баровварда мушкили ин хонаводаҳоро осон намуданд. Ҳамзамон 7 адад чунин насосҳои обкаш дар саҳро сари замини хоҷагиҳое, ки аз 1 то 5 гектар замин доранд, ташкил карда шудааст.



Маврид ба зикр аст, дар арафаи таҷлил аз ҷашни миллӣ – 30 солагии Истиқлолияти Тоҷикистон зери роҳбарии Ҳоҷӣ Мусулмонхӯҷа Бозоров 5 км роҳҳои байни маҳалла мумфарш, шиору овезаҳо ва акси Пешвои муаззами миллат дар ҷойи намоён насб карда шуд. Ба маблағӣ 27 ҳазор сомонии аз халқ ҷамъоваришуда трансформатор харидорӣ гардид, ки имрӯз равшаннамоии кӯчаҳо ва манзили 70 хоҷагӣ пурра таъмин шудааст.



Аз болои наҳри калон се пули одамгузар бо харҷи 5 ҳазор сомонӣ сохта ба истифодаи умум дода шуд. Дигар корҳои ободониву созандагиҳо дар қаламрави ин ҷамоат ва деҳаи Саҳбо тавассути Бозоров барин ашхоси дилсӯз бо маром идома дорад.

***Адолат САЙФУЛЛОЗОДА***



*Килки сабз*

# САҲИФАИ АДАБИЮ ФАРҲАНГӢ

**Чинигул Холова зодаи диёри хушманзараи Варзоб аст. Волидони заҳматкаш (падари омӯзгораш Холов Ғаффор устои шикастабанд ва меъмори номдори ин қаламрав буданд) 12 фарзанд-6 духтару 6 писари худро тарбия карда хононданд, ки алҳол ҳар кадом дорои зиндагии мустақил, касбу ҳунар ва ному мақоманд. Чинигул духтари дуюм ва фарзанди сеюми хонадонаст. Аз хурдсолӣ ба илму адаб, мутолиаи ашъори бузургони классик шавқу рағбати беандоза дошт. Бо тақозои замона, таҳсил дар Донишгоҳ ва сазовор гардидан ба номи баланди донишҷӯ, гарчанде муяссараш нагардид, аммо ӯ соҳибхоназани хуб, модари 6 фарзанди баркамол ва бибии қиссагӯ барои наберагони дӯстрӯ аст. Рӯзи худро бо мутолиаи китобу рӯзномаҳои даврӣ сипарӣ мекунад. Аз ҷумла дӯстдору яке аз ҳаводорони рӯзномаи "Тахти Қубод" аст. Тамоми шумораҳои рӯзномаро пеши худ нигоҳ медорад, гӯям муҳаббат мапиндоред. Ӯ аз гирудор ва иқдомҳои созандаи Пешвои муаззами миллат ва шукуфоии Тоҷикистони азиз илҳом гирифта шеърҳо эҷод намудааст, ки мо тасмим гирифтем аз нахустин маҷмуаи омоданашри Чинигул Холова намунае чанд пешкаши Шумо намоем.**

*Дар васфи Эмомалӣ Раҳмон*

## ТУ ЗИ КУҲИ БАХТИЁРОН ОМАДӢ

Ту зи куҳи бахтиёрон омадӣ,
Тоҷбарсар баҳри моён омадӣ.
Омади обод сохтӣ ин замон,
Ҷойгоҳу роҳҳои бекарон.

Ту барои бурдбории ҷони худ карди нисор,
Домани кӯҳро шикофтӣ, то шавем мо бахтиёр,
Роҳҳои нав кушодӣ чун хати беохир аст,
Посдориҳои мардум, ҳамчунин беохир аст,

Зи рӯзи авали корат,
Қасам хурдӣ зи минбарҳо.
Бисозам ин ватан обод,
Барои мардуми дилшод.
Намуди мардумат дилшод.
Ба ту гӯям ҳалолат бод!

Ҳурмати ту пос дорем чун, ки бар мо Сарварӣ,
Ҳурмати ту пос дорем чун, ки бар мо Раҳбарӣ.
Ҳурмати ту пос дорем соябоне бар Сарӣ,
Ман бигӯям бар сари мо, ҳамчу шамсу Ахтарӣ.

Боғҳову роғҳо бар мо муҳайё кардаӣ,
Мактабу илмхонаҳо бикшодаӣ,
То биомӯзему мо оқил шавем,
Бар ватан як одами комил шавем.

Бозсозӣ мекунию, медиҳӣ кӯшиш ба харҷ,
Беҳарос, мардонавор, бар сӯи мақсуд меравӣ,
Гар бигӯянд, кист ин марди шариф,
Фахр бинмуда, бигӯям бар Шумо,
Ин шоҳи мо, пошоҳи мо,
Эмомалӣ Раҳмони мо.

Эмомалӣ бародарам,
Ту сарвари музаффарам.
Номи туро зи меҳри пок,
Ба сӯи арш мебарам.

Сафар кардӣ, ба ҳар як кунҷи дунё.
Натарсида зи ҳар хавфу хатарҳо,
Кунун аз ту дили мо пур бошад,
Чу пайғомбар ҳастӣ бар сари мо.

Бар душмани худ ту дӯст гаштӣ,
Бар хотири мардуми азизат.
Мардум чу бидид ғайрататро,
Аҳсант бихонд хизмататро.

Зеби минбар ҳастӣ, эй подшоҳи мо,
Пургуҳар ҳастӣ, ту эй подшоҳи мо.
Ҳар сухан мегӣи ту аз умқи дил,
Мешавад ҷо ин сухан, дар умқи дил.

Дар дили мо меҳри худ ҷо кардаӣ,
Давлати шоиста барпо кардаӣ,
Мегузорӣ ҳар кучо санги асос,
Бо умедӣ, фикри фардо кардаӣ.

Фархундасиришт роҳбари мо,
Ту марди муборакӣ ба дунё,
Ту мардуми худ наҷот додӣ,
Аз ранҷу машаққати азобҳо,
Рангин сохтӣ, ҳаёти моро,
Бошӣ ту ҳамеша бар сари мо.

Эй бародар ҳокими ҳимматбаланд,
Номи ту болост дар ҳар анҷуман.
Кардаи байроқ то осмон баланд,
То бубинанд ҷилваи он аз Яман.
Ҳар кучо байроқи мо боло шавад,
Номи тоҷик ҳамзамон ифшо шавад.

Сад нависам ё ҳазор ин ҳам кам аст,
Бурдбории туро эй марди кор.
Субҳи содиқ мешавӣ ту раҳсипор,
Хоби худро мекушӣ аз баҳри кор.
То, ки бинмоӣ ватан обод,
Нақшаҳо дорӣ дар сар беҳисоб.
Шоҳкориҳои ту чашмам кушуд,
Кардаи рост, сад иморат хушнамуд.
Ман бигӯям аз таҳи дил ин дуо,
Дасти ту дардро набинад, ҳеҷ гоҳ.

## ТОҶИКИСТОН

Макони ман туӣ эй Тоҷикистон,
Ҷаҳони ман туӣ эй Тоҷикистон.
Агар руҳам равад аз тан.
Паногоҳ бар манӣ эй Тоҷикистон.
Чашмаҳои ту, чу оби чашмаи айнанначот,
Руҳ бахшад ташнаро бидҳад ҳаёт.

## ШУКРОНА

Бобо Эмом омадааст,
Ба мо қандак овардааст.
Қандакҳои бомазза,
Мехуремаш бо Ҳамза.
Мо мегӯем ташаккур,
Боборо бод дили пур.
Бар мо либос овардааст,
Ҳатто палос овардаст.
Меваҳои чун шаккар,
Аз баҳри мо овардааст.
Моро намонад танҳо,
Ҳеҷ гоҳ ин бобои мо.
Мо чун калон мешавем,
Хизматрасон мешавем,
Бар ватану ин меҳан,
Ҳамчун посбон мешавем.
Бифаҳмед моро дуруст,
Медорем боборо дӯст.

## НУРИ РОҒУН

Нур бахшад, Роғун,
Тоҷикистони маро,
Нурборон мешавад аз нури ӯ, кошонаҳо.
Чун ту рези нури худ, эй Роғунам,
Боз равшантар шавад ин меҳанам.

## ДАЛЕРӢ

Қудумат нек аст, дастат мубарак,
Ту эй Раҳмони мо, бошӣ саломат.
Чун ту шери зардро гашти савор,
Дар дили мардум биовардӣ мадор.
Пеш ронди хоку санг, Фарҳодвор,
Мардумат аҳсанд гӯянд бешумор.

Шеър бошад гуҳаре, зи қаъри дилҳо,
Роз гӯяд, чу бурун шавад зи дилҳо.

## БИБИҶОНИ АЗИЗАМ

Бибиҷонам куҷоед?
Зуд ба хона биёед!
Шуморо гар набинам,
Мешавад чашмам пурнам.
Бибиҷони азизам,
Мисли қанду мавизам,
Бибиҷонма набинам,
Мешавад дилам пурғам.
Бибиҷонам бебаҳост,
Ӯ қуввати дили мост.
Бибиҷон меҳрубон аст.
Меҳраш дар дилу ҷон аст,
Ман мехоҳам ҳамеша,
Бибиҷон бо мо боша.
Эй Худои муттаол,
Бибиҷонма нигаҳ дор.
Бибиҷонам набошад,
Мешавад ҳоли ман бад.

## ТАҚДИМ

Гули наврӯзӣ овардӣ,
Ҳам овардӣ сияҳгӯшам.
Ту гулҳоро зи меҳри дил,
Бимондӣ дар баногӯшам.
Бигум шукрона бар Оллоҳ,
Расонидаст ба Наврӯзам.
Дуо созам туро ҳар рӯз,
Ки бошад ҳар дамат Наврӯз.
Чу овардӣ ту гулҳоро,
Барои модари дилсӯз.

## НАВРӮЗ

Наврӯз биё, ман интизорам,
Дар роҳи ту ман, ба чашми чорам.
Аз омаданат хотирам шод кунӣ,
Дарду алами гузашта барбод кунӣ.
Аз омаданат гиреҳи дил боз шавад,
Чанд дил ба диле ҳамдаму ҳамроз шавад.
Наврӯз расад сабзаву гул чун бидамад,
Булбул ба чаман нағмаи чаҳ-чаҳ бизанад.
Наврӯз биё, ба хотири омаданат,
Парвона ба гирди гул пар-пар бизанад.
Наврӯз биё, Наврӯз биё,
Ки хотирам шод шавад.

## ВАТАН

Агар хоҳем ризои ин Ватанро,
Зи меҳнат гул бисозем, хоку сангро.
Ватан бар мо бидод ин некрӯзӣ,
Ниҳем мо ҳам ба он, пайкори некӣ.
Агар хоҳем Ватан гуем,
Замин бар мо Ватан бошад,
Замини мо ба инсонҳо,
Чу боғи бекарон бошад,
Илоҳо бар замини мо,
Набошад ҳеҷ офатҳо,
Биёед ин заминро мо,
Бидорем дӯст аз дилҳо.

Бе заҳмату бе кушиш,
Бурдбор нахоҳем шуд,
Бе обилаи дастон
Комёб нахоҳем буд,
Обила бисоз эй ҷон,
Аз меҳнати худ дастон,
Аз меҳнати ин дастон,
Роҳат бинамояд ҷон.

Умқи дили ман чи хоҳад аз ту,
Фарзанди азизу меҳрубонам,
Хоксорию, сархамию, одоб,
Меҳнаткашию муҳаббати пок.

## МЕҲРИ ВАТАН.

Гар бихоҳем бар ватан хизмат кунем,
Корро аз хонаи худ сар кунем,
Кудаки худро, биомӯзем адаб,
То, ки рӯзе бар Ватан нафъаш расад,
Тоза дорем, кучаву бозори худ,
Ҳам замину ҳам замон гулгун кунем,
Бар Ватан як хизмати шоён кунем,
Саҳми худро мо гузорем бар Ватан,
То, ки бошем мо сазовори Ватан.

Гар ту хоҳи роҳати дунё бидидан,
Боядат аз таҳти дил меҳнат кашидан.
Гар ту хоҳӣ обрӯю эътибор,
Мардумонро аз худат камтар мадор.

Ҳашомат мекунӣ эй мард,
Битарс аз рӯзӣ охирғоҳ
Ки охир ин ҳашоматҳо
Туро бошад ба ҷои чоҳ
Коре, ки бад аст, ту бар он даст мазан,
Дар банди бало фитодӣ, пас гила макун.
Чун ба пасти меравӣ, ин айби туст.
Айби худ бар дигарон ту зам макун.

Надорад суд пушаймонӣ,
Агар беҷо қадам монӣ.
Бикун коре, ки дар охир,
Наорад боз пушаймонӣ.

Дар кор наояд, сухани нарми ту дигар,
Карди сухани қабеҳ, ту аз сар.

Фартуту бенаво аст, имрӯз модари ту,
Бинмой дасти ёрӣ, эй ҷон писар ба модар.
Ӯ чун ба вақти тифлӣ, додаст туро шир аз ҷон,
Рав хизматаш ба ҷой ор, эй ҷон писар ба модар.
Модар туро бизоду шукронаи Худо кард,
Бигрифт туро дар оғӯш, бар номи ту дуо кард.
Бар тифли нозанинам бошӣ сипар Худоҷон,
Эй кош ман набинам, доғи писар Худоҷон.

Ин Ватан ҷони ман аст,
Ҳам руҳу дармони ман аст.
Гар чу рузе аз Ватан берун равам,
Дон, ки он рӯз рӯз не, шом бар ман аст,
Мо бибояд ин Ватанро дӯст дорем,
Хотироте баҳри вай аз худ гузорем,
Ин Ватан ҷони ман аст,
Нури чашмони ман аст.

Мурғи дили ман месарояд
Васфи ватану диёри зебо.
Пургул чаману дашту саҳро,
Дорам ватани биҳиштосо.
Ҳар гоҳ, ки назар кунам ба кӯҳаш,
Ороста бувад чун аруси зебо.
Саҳрои пур аз лолазораш,
Монанди хунест чун дар раги мо.
Обҳои равон, зи синаи он,
Бахшида ба мо давою дармон.

Биё қаҳри макун, ҳамсояи ман,
Намемонем дар олам, на туву ман.
Аз ин норозигиҳоят чи ҳосил?
Ки бошем ҳарду мо занҳои оқил.
Биё ҳарду намоем зикри Оллоҳ,
Худоҷоно гуноҳи мо бубахшо.
Аз ин бедодиҳо норозӣ Оллоҳ,
Ки зан ҳастем, кучост, он иффати мо.

**ЧИНИГУЛ ҒАФФОРОВНА (НАБИЕВА)**



# МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ҚОНУНИ АВФРО ҚАБУЛ КАРД

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ дар иҷлосияи якуми ғайринавбатӣ, ки таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода баргузор гардид, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» - ро қабул карданд.

Муовини Прокурори генералӣ Дилшод Талбакзода, вакили мардумӣ Равшан Раҷабзода зимни шарҳу тавзеҳи моҳияти асосии Қонун иброз доштанд, ки лоиҳаи Қонун аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун иқдоми навбатии башардӯстона ба муносибати Ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ пешниҳод шудааст.

Қонуни мазкур нисбат ба доираи васеи маҳкумшудагон ва шахсоне, ки парвандаи онҳо таҳти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва дар баррасии судӣ қарор доранд, татбиқ мегардад.

***Тахти Қубод***

# «УРАЛЬСКИЕ АВИАЛИНИИ »БАРОИ МУСОФИРОН АЗ ТОҶИКИСТОН МАРКАЗИ ДАСТГИРӢ БОЗ КАРД




Ширкати ҳавопаймоии «Уральские авиалинии» барои мусофирон аз Тоҷикистон маркази робита роҳандозӣ мекунад, хабар дода мешавад дар торнамои ширкат.

Хатти нави хадамоти дастгирӣ тариқи телефони +992 77-777-0808 дастрас аст.

Ҷадвали корӣ аз соати 08:00 то 18:00 муқаррар шудааст.

Тавре дар хабар зикр мешавад, занг задан аз Тоҷикистон бепул аст.

Кормандони хадамот бо забони тоҷикӣ ва русӣ гуфтугӯ карда метавонанд.

“Мо ба шумо дар харидани билет, фармоиши хизматрасонии иловагӣ, ислоҳи хатогиҳо дар билет кумак карда, дар бораи қоидаҳои вуруд ба Русия машварат дода метавонем. Инчунин ба дигар саволҳои мавриди таваҷҷуҳатон низ посух медиҳем”, - иттилоъ медиҳад ширкати ҳавопаймоӣ.

«Уральские авиалиниии» аз 22 шаҳрҳои Русия ба шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлоб ва бозпас парвозҳо анҷом медиҳад. Ҷадвали парвоз ва билетҳо дар сомонаи ширкати ҳавопаймоӣ қобили дарёфт мебошад.

***Бахши Хадамоти муҳоҷират***

# ОРЗУЕ, КИ ҶОМАИ АМАЛ ПӮШИД



Валентина Яковлевна Шайманова 28 майи соли 1932 дар деҳаи Крестянкаи вилояти Калугаи Федератсияи Руссия таваллуд шудааст. Замони кӯдакии ӯ ба давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост омад. Гуруснаги, ҳазору як азоб домангири ҷомеа буд. Калонсолон ба ҷанг сафарбар шуда пирону кӯдаконро низ лозим меомад, ки дар ақибгоҳ шабонарӯзӣ кор кунанд, то саҳми хешро ба ғалаба гузоранд. Валентинаи хурдсол дар шахтаҳои кони ангишти Донбасси Украина кор мекард. Бо иштирокчии ҷанг Шайманов Гулмати Қубодиёнӣ соли 1947 дар ин макони пуразоб шинос шуд ва ин воқеа якумра сарнавишти ӯро ба Тоҷикистони офтобрӯя рақам зад.

Бо дасту дили гарм ва ҳазорон орзуи нек ба шӯъбаи ҷарроҳии беморхонаи маркази ноҳияи Қубодиён ҳамчун фаррош ба кор даромад ва дар дафтарчаи меҳнатиаш фармон ба тасвиб расид. Дар ин даргоҳ тӯли ин солҳо ба ҳазорон нафар модари мушфиқ, апаи ғамшарику шодишарик, шахси дилсӯзу ғамзудо дар хотираи одамон бо муомилаи некаш нақш баст. Баъди 47 соли кори бенуқсон бо фармони дигари маъмурият ба нафақа бо тантана гуселонида шуд. Тӯли ин солҳо соҳиби оилаи намунавӣ шуд. Тақдир ба ӯ 9-фарзандро ҳадя кард: (5 писару 4 духтар), ки онҳо имрӯз дар ҷамъият ва давлат кору фаъолият мекунанд. Баъди ба вуқӯъ омадани воқеаҳои мудҳиши кишвар бисёр мардуми русзабон озими диёри худ-Руссия шуданд. Момаи Валентина, ки ба мардуми Тоҷикистон унс гирифта буд, дар ин ҷо монд.

Гарчанде имконияти хуби дар Россия истиқомат карданро дошт, лек сарфи назар бо талаби фарзандонаш дар Руссия монданро дар замин монду ба Тоҷикистон омад, ки дар Қубодиён дафн шавам. Дили пурмеҳри ӯ 16 августи соли равон аз тапидан монд. Ниҳоят ба мақсад расида маъвои охиринашро низ дар оғӯши хоки ин диёр пайдо кард.

Мо ба фарзандон ва хешу пайвандони ӯ изҳори тасаллият арза медорем.

***Беҳзод САЙМУРОДОВ,***
***омӯзгор***

# ЭЪЛОН!

## КОРҶӮЁНРО ДАЪВАТ МЕКУНЕМ!

MISSIONEAST

ТҶ МЕҲРГОН · РО MEHRGON · ОО МЕҲРГОН

Ташкилоти Ҷамъиятии “Меҳргон” шурӯъ аз соли 2000 дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, дар гузаронидани омӯзишҳо ва таъмини машваратҳои ҳуқуқӣ ба занон, соҳибкорону деҳқонон ва инчунин дар такмилдиҳии иқтидори ҷомеаҳои шаҳрвандӣ таҷрибаи ғанӣ дорад.

Дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмиллалии “Миссияи Шарқ”, ТҶ “Меҳргон” дар марҳилаи ҷорисозии лоиҳаи “***Рушди дастаҷамъона: Дастгирӣ намудани созмонҳои шаҳрвандӣ баҳри такмилдиҳии ҳуқуқҳо ва хизматрасониҳои кӯдакон ва шахсони имконияташон маҳдуд дар Тоҷикистон***” қарор гирифта озмуни вазифаи “**Афсари молиявӣ ва маъмуриро**” эълон менамояд, ки дар ноҳияи **Қубодиёни вилояти Хатлон** ҷойгир мебошад. Ин лоиҳаи 3-сола буда фаъолияташ 6 ноҳия: Вахш, Кушониён, Леваканд, Қубодиён, Шаҳритус ва Носири Хусравро фаро мегирад. Ноҳияҳои ҳадафии ТҶ “Меҳргон” ин ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритус ва Носири Хусрав мебошанд.

| | |
|---|---|
| **Вазифа** | **Афсари молиявӣ ва маъмурӣ**<br>(Finance & Administration Officer/ Финансовый и административный офицер) |
| **Ташкилот** | **ТҶ “Меҳргон”**<br>(лоиҳаи Миссияи Шарқ бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо) |
| **Мавқеъ** | **Қубодиён/Хатлон/Тоҷикистон** |
| **Давомнокии шартнома** | **12 моҳ бо эҳтимолияти давомдиҳӣ** |
| **Ҳисоботдиҳӣ ба:** | **Директори “Меҳргон”** |
| **Уҳдадориҳои асосӣ** | Уҳдадориҳои асосии вазифа ин боварӣ ҳосил намудан аз системаи амалкунандаи давомноки амалиётҳои молиявӣ ва маъмурии “Меҳргон” ва лоиҳаи Миссияи Шарқ, EUA -028 мебошад. |
| **Вазифаҳо ва уҳдадориҳои асосӣ** | **Идоракунии молиявӣ:**<br>• Омода кардани пешппардохт, варақаҳои пули нақдӣ ва хароҷотҳои моҳона;<br>• Боварӣ ҳосил кардан аз ваучерҳо, ҳуҷҷатҳои замимавӣ, хароҷотҳо ва суратҳисобҳои мувофиқи сатҳи мақомоти ноҳиявӣ ба қайд гирифташуда ва ҳармоҳа ба Миссияи Шарқ фиристонидани ҳисоботҳои молиявӣ;<br>• Аз мувофиқат бо қонунҳои маҳаллӣ ва молиёт боварӣ ҳосил кардан;<br>• Ҳамчунмушовир оиди масъалаҳои андоз ва молиявии дохила амал кардан;<br>• Назорат ва нигоҳдории пули нақди корхонаро кафолат додан;<br>• Хизматрасониҳо/маводҳои харидшударо саривақт ҳуҷҷатгузорӣ кардан;<br>• Боварӣҳосил кардан аз он, ки ҳамаи ваучерҳо дорои ҳуҷҷатҳои замимавии мувофиқ ҳастанд ва ҳамаи имзоҳои ҳуқуқӣ мутобиқи маҳдудиятҳои ҳуқуқии Миссияи Шарқ пеш аз пардохт амалӣ гаштаанд;<br>• Риояи бақайдгириҳои ба тартиб даровардашуда ва боваринокимаблағҳои воридшуда ва харҷшудаи Варақаҳои Пули Нақдии ҳаррӯза;<br>• Боварӣ ҳосил кардан аз он, ки нусхаи варақии ваучерҳо, варақаҳои пули нақдӣ ва дигар файли ҳисоботҳои муҳим барои барқароркунии навбатӣ дурустар равонасозӣ, риоя, ва нигоҳ дошта шудаанд;<br>• Боварӣ ҳосил кардан аз пардохти андозҳо ва дигар созишномаҳои оинномавии “Меҳргон”, то ки мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ гарданд;<br>• Пеш бурдани рӯйхати пардохти ҳайати “Меҳргон”.<br>**Идоракунии маъмурӣ:**<br>• Тартиб додани шартномаҳои хизматрасонӣ ҳангоми зарурат дар саҳро;<br>• Дастгириикормандон барои ташкили омӯзишҳо, вохӯриҳо ва ё чорабиниҳое, ки бо иҷораи ҷой, интиқолдиҳӣ, танаффуси чойхӯрӣ ва хӯроки нисфирӯзӣ, ва инчунин идоракунии ҳамаи ҳуҷҷатҳои молиявӣ;<br>• Пардохнамудани ҳисоби барқ, партов, об ва мулоқот бо мақомотҳои маҳаллӣ;<br>• Пуркунии варақаивақти кории ҳайати кормандон барои ҳар моҳ;<br>• Азнавкунии ҳуҷҷатҳои шахсии кормандони “Меҳргон”;<br>• Иҷроиши дигар вазифаҳои аз ҷониби директор ТҶ ва Миссияи Шарқ дода шуда. |
| **Малакаҳои зарурӣ** | • Муоширати озодона бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;<br>• Малакаи хубиташкилотчигӣвамуоширатӣ;<br>• Қобилияти афзалиятдиҳии кор ва иҷроиши мустақилонаи ин афзалиятҳо;<br>• Савияи аълои компютерӣ ва дониши барномаҳои MicrosoftOffice;<br>• Омода кардани ҳисоботҳои мунтазами хароҷотҳо ва буҷаи корхона;<br>• Ташкил намудани системаи воридкунии ҳуҷҷатҳои муҳим ва махфӣ;<br>• Азнавкунии сиёсати корхона дар ҳолатҳои зарурӣ;<br>• Тақсимот ва нигоҳдории мукотибот (аз ҷумлаи мактубҳо, e-mail ва бастаҳо);<br>• Омодакунии ҳисоботҳо ва презентатсияҳои иборат аз маълумотҳои оморӣ тавре, ки таъин шудааст;<br>• Ташкил намудани сафар ва манзил (дар доираи сафарҳои хизматӣ). |
| **Маълумоти талабшуда** | Дараҷаи бакалавр дар молия, тиҷорат, маъмурият, идоракунии тиҷорат ё дигар соҳаи дахлдор. |
| **Таҷрибаи талабшуда** | Ҳадди ақал таҷрибаи кории на кам аз 3 сола ба ҳайси Афсари молиявӣ ва маъмурӣ, беҳтараш дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ё байналмиллалӣ. |
| **Салоҳиятҳои асосии зарурӣ** | • Ҳамгироии шахсӣ ва касбӣ;<br>• Малакаи хуб дар худҳавасмандкунӣ ва дар ташабусгирӣ;<br>• Қобилияти корбарӣ ҳамчун узви гурӯҳ дар муҳити баландсуръат талаб карда мешавад;<br>• Муносибати мусбӣ ва ҳиси арзишҳои ташкилот. |
| **Тарзи ҳуҷҷатсупорӣ** | Довталабони шавқманд метавонанд тарҷумаи ҳол (CV), мактуби ҳавасмандӣ (cover letter) ва 3 рақами телефонӣ ва почтаи электронии шахсони тавсиядиҳандаро тариқи почтаи электронӣ (e-mail) ба: mastura66@mail.ru ва дар нусхаи макутб мондани dilorom.ashurova@missioneast.org бо мавзӯи **«Афсари молиявӣ ва маъмурӣ”, Қубодиён/Хатлон** ирсол намоянд.<br><br>**Муҳлати охирини ҳуҷҷатсупорӣ санаи 21-уми сентябри 2021 (то соати 17:00).**<br><br>Танҳо довталабони ба рӯйхати кӯтоҳ дохилшуда барои суҳбат даъват карда мешаванд! |

# АКСҲО БОЗГӮИ ТАНТАНАҲОИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН


















*Гирдоваранда, Ф. Алимардонов*

# ТАВАҶҶУҲ!!! ОБУНА 2022

## БА РӮЗНОМАИ «ТАХТИ ҚУБОД» ОҒОЗ ШУД!

Рӯзномаи “Тахти Қубод” нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён, минбари розу ниёз ва инъикосгари дастоварду комёбиҳои Шумо;

-Равзанаиошноӣбошахсиятҳои муваффақу соҳибмақоми ноҳия;

-Оинаи таҷаллии истеъдодҳои нодир;

-Пулест миёни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва мардум;

-Беҳтарин таҳлилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ вафарҳангӣ;

Ягона минбарест, ки баҳри рушди ҷомеа, эҳёи ҳисси миллӣ ва тафаккури хештаншиносии мардум хизмат мекунад.

Рӯзномаест, ки чун оинаи ибратбин воқеияти ҳаётро ҳамаҷониба инъикос карда, шуморо ба накукорӣ ҳидоят мекунад.

Ба “Тахти Қубод” обуна шуда, беҳтарин матлабҳоро, ки дар рӯзгори Шумо ба кор меоянд, мутолиа намоед.

Суратҳисоби рӯзномаи “Тахти Қубод”-202972600813352000

ИНН 320000462

МФО 350101626

К/С 20402972316264

Филиали №52- Амонатбонк дар ноҳия.



Ашхоси алоҳида ва корхонаву муассисаҳо низ метавонанд тариқи ин суратҳисоб ё мустақиман дар идораи нашрия обуна шаванд.Ҳамзамон аз тамоми ташкилоту муассисаҳо хоҳиш менамоем, ки маблағҳои обунаро танҳо ба суратҳисоби рӯзнома ирсол намоянд.

Нархи солонаи обуна 50 сомонӣ.

ТАХТИ ҚУБОД
Муассис: Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён

САРМУҲАРРИР
*САЙФУЛЛОЗОДА АДОЛАТ*

Нишонии мо: 735191, н.Қубодиён, кӯчаи И.Сомонӣ 200.

Рӯзнома 07.01.2019. тахти №119рз-97 дар Вазорати Фарҳанги ҶТ ба қайди давлати гирифта шудааст.

Рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳо чоп мекунад, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ метавонад мувофиқат накунад ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад, дастхат ва суратҳо баргардонида намешавад.

**Телефон барои тамос: 93-842-36-25**

Рӯзнома бо теъдоди 3300 нусха дар матбааи «Мега-принт» нашр шуд.

“Матлабҳои хонданбобро аз саҳифаи фейсбукии мо саривақт дастрас ва истифода карда метавонед”